СИЁСАТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ КӮДАК
БУНЁДИ ОСАЛЕНИЕ (OCALENIE)

## 1. Изҳорот марбут ба Сиёсати Ҳифзи Кӯдак

Бунёди Осаление (Ocalenie) боварӣ дорад, ки ҳар як кӯдаке, ки мо бо онҳо дар тамос мешавем, новобаста аз вазъият, аз ҷумла синну сол, ҳувияти ҷинсӣ, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, қобилият, тамоюли ҷинсӣ ё мансубияти этникӣ, ҳақ дорад, ки аз ҳама гуна зарар, бадрафторӣ, беэътиноӣ ва истисмор муҳофизат карда шавад. Аз ин рӯ, Бунёд ба таҳқир ё истисмори кӯдакон аз ҷониби кормандон ва ё шахсони дигаре, ки дар фаъолияти он иштирок доранд, таҳаммул намекунад.

Бунёди Осаление (Ocalenie) кӯшиш мекунад, ки масъалаҳои ҳифзи кӯдаконро тавассути фаъолияти худ дар се самти асосӣ ҳал кунад: пешгирӣ, огоҳӣ ва вокуниш. Ҳамаи кормандон ва ҳамкорони Бунед вазифадоранд, ки бо ин ҳуҷҷат шинос шаванд ва бо имзои изҳорот онро қабул кунанд. Ин инчунин ба зерпудратчиёне дахл дорад, ки аз ҷониби Бунёд барои анҷом додани ҳар гуна фаъолият аз номи он ҷалб карда мешаванд. Агар яке аз онҳо ин сиёсатро вайрон кунад, Бунёд чораҳои дахлдорро мувофики вазъият, аз ҷумла чораҳои интизомиро мебинад.

Бо ин сиёсат (хуҷҷат) инчунин ҳамаи кӯдакон ва волидони онҳо, ки дар барномаҳои Бунёд иштирок мекунанд, шинос мешаванд.

## 2. Мақсади Сиёсати Ҳифзи Кӯдак

Ин Сиёсат барои ҳифзи кӯдаконе, ки дар фаъолияти Бунёд иштирок мекунанд, аз ҳар гуна зараре, ки онҳо ҳангоми кор бо Бунёд дучор мешаванд, пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла зараре, ки дар натиҷаи:

- рафтори шахсоне, ки дар фаъолияти Бунёд иштирок мекунанд;
- омодашавӣ ва гузаронидани чорабиниҳое, ки аз ҷониби Бунёд гузаронида мешаванд.

Сиёсат ӯҳдадориҳои Бунёдро муайян мекунад ва ба кормандон ва ҳамкорони он дар бораи масъулиятҳои онҳо оид ба ҳифзи кӯдакон маълумот медиҳад.

## 3. Муносибати бераҳмона нисбати Кӯдак - таъриф/шарҳ

Тибқи таърифи Д.Г. Гилл (D.G. Gill), зӯроварии кӯдакон ҳама гуна амал ё беамалии шахсони алоҳида, муассисаҳо ё умуман ҷомеа ва ҳама гуна натиҷаи чунин амал ё

беамалие мебошад, ки ҳуқуқу озодиҳои баробари кӯдаконро поймол мекунад ва/ё ба рушди оптималии онҳо халал мерасонад.

5 намуди зӯроварии кӯдакон вуҷуд дорад:

Зӯроварии ҷисмонӣ - ҳама гуна истифодаи барқасдона нисбати кӯдак аст, ки боиси осеби ҷисмонӣ мегардад ё метавонад ба саломатӣ, рушд ё шаъну шарафи кӯдак таҳдид кунад.

Зӯроварии эмотсионалӣ - ин муошрати дарозмуддати ғайри ҷисмонӣ ва зараровар бо кӯдак аст, ки метавонад ба рушди ӯ таъсири манфӣ расонад. Онро ҳам дар шакли амал ва ҳам бефаъолият ифода кардан мумкин аст. Ба ин чунин шаклҳои рафтор, аз қабили таҷовузи лафзӣ, дод задан, рад кардан, ҷудо кардани кӯдак (изолатсия), таҳдид, муомилаи номуносиб бо кӯдак аз нуқтаи назари инкишофи кӯдак ва ғ.

Истисмори шаҳвонӣ - ҳама гуна рафторе, ки кӯдакро ба ҳама гуна фаъолияти дорои хусусияти шаҳвонӣ бо мақсади қонеъ кардани ҳавасмандии ҷинсии калонсолон ҷалб мекунад. Истисмори шаҳвонӣ ҳам рафтори бо алоқаи ҷисмонӣ ва ҳам бидуни алоқаи ҷисмонӣ, аз қабили намоишгарӣ, порнография, зангҳои телефонии фаҳш ё таъқиби шифоҳиро дар бар мегирад.

Беэътиноӣ (бе нигоҳу бин) - қонеъ накардани ниёзҳои асосии кӯдак, ҳам ҷисмонӣ, аз қабили ғизои дуруст, либос, нигоҳубини саломатӣ, таҳсилот, ва инчунин равонӣ ҳисси амният, эҳсоси муҳаббат ва ғамхорӣ.

Истисмори тиҷоратӣ – истифодаи кӯдаки ноболиғ дар меҳнат ё фаъолияти дигар ба нафъи дигарон ва бар зарари саломатии ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, таҳсилот, рушди ахлоқӣ ё иҷтимоию эҳсосии ӯ мебошад.

## 4. Мафҳумҳои асосӣ, ки дар сиёсат фаро гирифта шудаанд

**Кӯдак** - ҳама гуна шахси то 18-сола

**Бунёд** – Бунёди Отсаление (Fundacja Ocalenie)

**Мизоҷи (клиенти) Бунёд** - шахси синну солаш гуногун, ки аз Бунёди Отсаление (Ocalenie) кӯмаки мустақим мегирад ё дар ҳама гуна барномаҳои он иштирок мекунад.

**Шахси масъул барои Сиёсати Ҳифзи Ҳуқуқи Кӯдак,** шахсе, ки аз ҷониби Раёсати Бунёд барои назорат таъин карда шуддаст, ва дар ҳолати зарурӣ (пас аз тасдиқи пешакии Раёсат) таҷдиди расмиёт ва қоидаҳои дар он мавҷудбударо назорат мекунад. Ҳамчун нуқтаи аввалини тамос барои онҳое, ки аз сӯиистифодаи кӯдакон гумонбар мешаванд, дар машварат бо Раёсат расмиёти гуногунро оғоз мекунад.

**Васии кӯдак –** падару модар, васии қонунӣ ё парастори кӯдак

**Корманди Бунёд -** ҳама шахсе, ки дар Бунёди Отсаление дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунад ё дар асоси шартномаи ҳуқуқи граждании ё дигар созишномаҳо ҳамкорӣ мекунад.

**Ҳамшарики/ҳамкори Бунёд** – ҳар як шахсе, ки дар кори Бунёд иштирок мекунад: волонтёр(ҳо); таҷрибаомӯз(ҳо); мушовир(ҳо); тренер(ҳо)-и шахсоне, ки дар доираи барномаҳои мубодила ташриф меоранд ё ҳамкорӣ бо Бунёд доранд.

**Раёсати Бунёд -** гурӯҳи шахсоне мебошанд, ки ба Реестри Миллии Судҳо дохил карда шуда, барои идоракунии Бунёд ваколатдор шудаанд.

5. **Роҳҳои пешгирӣ**

Фонд як қатор чораҳоро меандешад, то кормандон ва ҳамкорони он ба бехатарии кӯдакон таҳдид накунанд.
Ҳама шахсоне, ки бо Бунёд кор ё ҳамкорӣ мекунанд дар раванди ба кор ҷалб кардан, дар Феҳристи ҷинояткорони ҷинсӣ тафтиш карда мешаванд. Илова бар ин, аз ҳама шахсони ба кор қабулшуда пеш аз бастани шартнома талаб карда мешавад, ки шаҳодатнома дар бораи надоштани доғи судӣ ё парвандаи ҷиноӣ ё интизомӣ нисбати онҳо пешниҳод кунанд.

Шахсе, ки бо Бунёд кор ё ҳамкорӣ мекунад, набояд бо кӯдак издивоҷ кунад ва фарзандонашро иҷозат диҳад, ки бо ӯ издивоҷ кунад. Инчунин барои кормандони Бунёд ҷалб кардани кӯдакон ба корҳое, ки ба синну соли онҳо мувофиқ нест ва агар ин ба таҳсили онҳо халал расонад, қобили қабул нест.

Ҳар ашхосе, ки бо Бунёд кор мекунанд ё алоқамонданд аст, инчунин кӯдаконе, ки дар барномаҳои Бунёд иштирок мекунанд, мувофиқи Сиёсати Ҳифзи Кӯдакони Бунёд таълим мегиранд ва медонанд, ки дар бораи ҳолатҳои мушоҳидашудаи зуровари кӯдакон чӣ гуна гузориш диҳанд.

Шахси масъули Сиёсати Ҳифзи Кӯдакон дар якҷоягӣ бо Шӯрои Раёсат Сиёсати Бунёдро оиди Ҳифзи Кӯдакон дар ду сол як маротиба ё дар ҳолати зарурӣ аз нав дида мебароянд ва онро нав мекунад, то ин ки то ҳадди имкон самаранок бошад. Ҳама гуна тағирот ба Сиёсат ба диққати ҳамаи кормандон ва ҳамкорон расонида мешавад.

6. **Принсипҳои муносибатҳои бехатари байни кӯдак (муштарии Бунёд) ва калонсолон (корманд ё ҳамкори Бунёд)**

Ҳама гуна иртибот байни кормандон ё ҳамкорони Бунёд ва кӯдаке, ки муштарии Бунёд аст, бояд бо эҳтироми комил ба шаъну шарафи кӯдак, бахусус ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя аз зарар сурат гирад.

Корманд ё ҳамкорони Бунёд набояд бидуни ҳузури шахси сеюм ҳеҷ гоҳ бо кӯдак танҳо истад. Дар сурати берун аз ҳудуди Бунёд гузаронидани вохӯриҳо, онҳо бояд дар ҷои ҷамъиятӣ бо мувофиқа бо парастор ё дар хонаи кӯдак, ки худи парастор ё ягон аъзои оилаи аз ҷониби парастор таъиншуда ҳузур дошта бошад, гузаронида шаванд. Барои

вохӯриҳои як ба як дар Бунёд, дари толори маҷлис бояд ҳамеша кушода ё нимкушода бошад. Ин ба вохӯриҳои бо равоншинос ё психотерапевт дахл надорад.
Дар ҳолатҳои махсус истисноҳо метавонанд бо ризоияти роҳбар барнома пас аз машварат бо шахси масъул барои Сиёсати Ҳифзи Кӯдак анҷом дода шаванд.

Корманд ё ҳамкорони Бунёд ҳақ надорад, ки тибқи ягон барномаи Бунёд кӯдакро дар хонаи худ қабул кунад. Ӯ ҳақ надорад, ки суроғаи хонаашро ба кӯдакон тияд. Алоқаи мустақими телефонӣ бо кӯдакон бо иҷозати роҳбар иҷозат дода мешавад.

Ҳангоми саёҳату экскурсияҳои якчоя ба ягон корманд ва ё ҳамкори Бунёд иҷозат дода намешавад, ки дар утоқи бачагон бо кудакон хоб кунад. Дар ҳолати зарурӣ ин кор танҳо бо розигии роҳбар ва дар ҳузури шахси калонсоли иловагӣ, ки ба ҳуҷра дастрасӣ дорад, анҷом дода мешавад.

Шахсе, ки сафарро ба нақша гирифтааст, бояд ҳамеша фарҳанг ва одатҳои кӯдак, аз ҷумла маҳдудиятҳои ғизои кӯдакро ба назар гирифта, кафолат диҳад, ки ӯ дар ҳама чорабиниҳо дар баробари эҳтироми фарҳанги худ тавонад озодона иштирок кунад.

Илова бар ин, қобили қабул нест ки:
- бо кӯдакон муносибатҳои шаҳвонӣ барқарор намудан ё нисбат ба онҳо рафтори иғвоангезона содир кардан;
- нисбат ба кӯдакон истифода бурдани ҷазои ҷисмонӣ;
- ба кӯдакон додан/харидани машрубот, нӯшокиҳои энергетикӣ, сигор ё ҳама гуна моддаҳои психоактивӣ;
- алоқаи ҷисмонии номувофиқ бо кӯдак, ки озодӣ ё шаъну шарафи ӯро поймол мекунад, берун рафтан аз доираи алоқаи табиӣ дар натиҷаи бозӣ ё зарурати таъмини амнияти кӯдак;
- ҳама гуна рафторе, ки шаъну шарафи кӯдаконро паст мезанад, шарманда мекунад ё таҳқир мекунад;
- нигоҳ доштани робита ва муносибатҳои хусусӣ бо кӯдак берун аз фаъолияти Бунёд, аз ҷумла дар тамос будан бо ӯ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ.

## 7. Қоидаҳои дастрасии бехатар ба Интернет дар доираи фаъолияти Бунёд

Ҳама компютерҳо ва ноутбукҳое, ки кӯдакони дар лоиҳаҳои Бунёд иштироккунанда ҳангоми кори инфиродӣ ва ҳам гурӯҳӣ, ки ба онҳо дастрасӣ доранд, инчунин шабакаҳои ҷамъиятӣ дар дафтарҳои Бунёд бо қуфлҳо (блакировка) муҷаҳҳаз шудаанд, ки кӯдаконро аз дастрасии маводи зараровар пешгирӣ мекунанд.
Истифодаи таҷҳизоте, ки ба Бунёд тааллуқ дорад, аз тарафи кӯдакон таҳти назорати корманд ё ҳамкори Бунёд сурат мегирад.

## 8. Тарҳрезии фаъолияти Бунёд

Бунёд тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад, ки тамоми фаъолиятҳои он бо назардошти эҳтироми шаъну шарафи кӯдакон ва таъмини амнияти онҳо ба нақша гирифта ва амалӣ карда шаванд. Барои таъмини амният Бунёд ӯҳдадор мешавад:

- гузаронидани арзёбии эҳтиёҷот ва тарҳрезии лоиҳаҳо бо дарназардошти Сиёсати Ҳифзи Кӯдак ва зарурати риояи он аз ҷониби ҳамаи ҷалбшудагон;
- муайян намудани хатарҳои марбут ба таҳдиди хушунати кӯдакон дар марҳилаи банақшагирии лоиҳа ва ворид намудани стратегияи бартарафсозии онҳо дар лоиҳа;
- назорат кардани лоиҳа ба муқаррароти Сиёсати Ҳифзи Кӯдак ва вокуниш ба ҳар гуна таҳқир ва таҳдид;
- фароҳам овардани фазои бехатар барои тамоми фаъолиятҳое, ки кӯдакон дар доираи лоиҳаҳои Бунёд иштирок мекунанд;
- таъмини назорати доимии кӯдакон аз ҷониби калонсолони омӯзонидашуда дар давоми фаъолиятҳое, ки дар лоиҳаҳои Бунёд пешбинӣ шудаанд.

## 9. Тартиби гузориш додан дар бораи шубҳаҳо/гумонҳо

Дар сурати гумонбар шудани зӯроварии кӯдак, ҳар як корманд ё ҳамкори Бунёд **вазифадор аст**, ки дар бораи ин ҳодиса фавран ба роҳбари худ, Шӯрои раёсат (Zarząd) ё шахси масъули Сиёсати Ҳифзи Кӯдак хабар диҳад. Огоҳиномаро шахсан ё хаттӣ тавассути почтаи электронӣ ба суроғаи ochronadziecka@ocalenie.org.pl пешниҳод кардан мумкин аст.

Почтаи электронӣ аз ҷониби шахси масъул оиди Сиёсати Ҳифзи Ҳуқуқи Кӯдак мунтазам тафтиш карда мешавад. Ҳар як гузориши шифоҳӣ ва ҳам хаттӣ ҷиддӣ баррасӣ шуда ва бодиккат санҷида мешаванд.
Вобаста ба вазъият, шахси масъули Сиёсати Ҳифзи Ҳуқуқи Кӯдак дар машварат бо Раёсат ва шахси масъули барнома, ки кӯдак дар он иштирок мекунад, расмиёти дахлдорро оғоз мекунад. Кормандон ва ҳамкорони Бунёд, ки дар мудохилаҳо иштирок мекунанд, вазифадоранд маълумоти марбут ба муштарии Бунёдро махфӣ нигоҳ доранд.

Ҳар як мудохила аз огоҳ кардани парастори кӯдак дар бораи зӯроварии эҳтимолии кӯдак оғоз мешавад, ба шарте ки он ба некӯаҳволии кӯдак таҳдид накунад.

## 10. Тартиби дахолат (дохилӣ (wewnętrzna) ва беруна (zewnętrzna))

Ҳар як гузориш дар бораи зӯроварии гумонбаршудаи кӯдак аз ҷониби кормандони Бунёд ҷиддӣ қабул карда мешавад ва барои арзёбии сатҳи хавф бодиққат арзёбӣ мешавад. Вобаста ба ҳолати гузоришшуда, Бунёд дахолати дохилӣ ё дахолати дохилӣ ва беруниро анҷом медиҳад.

Дахолати дохилӣ дар дохили Бунёд ва дар ҳолатҳои зерин сурат мегирад:
· - кӯдак таҷрибаи зӯроварро аз ҷониби корманд ё ҳамкори Бунёд фош мекунад;
- дар бораи гумонбарӣ ба зӯроварии кӯдак аз ҷониби корманд ё ҳамкори Бунёд хабар дода шудааст;

Агар дахолати дохилӣ нокифоя бошад ё ҳодиса ӯҳдадории қонунии огоҳ кардани мақомоти берунаро дар бар гирад, **дахолати беруна** амалӣ карда мешавад, ки андешидани чораҳои қонунии марбут ба огоҳонидани муассисаҳои дахлдорро дар бар мегирад.

Раёсат бояд фавран оиди қарор дар бораи дахолати беруна ё дохилӣ огоҳ карда шавад.

**I. Тартиби дахолат**

Дахолати дохилӣ (Interwencja wewnętrzna)

Дарҳол пас аз гирифтани огоҳинома дар бораи зараровариии эҳтимолии кӯдак, шахси масъули Сиёсати Ҳифзи Кӯдак дар якҷоягӣ бо менеҷери барномае, ки кӯдак дар он иштирок мекунад ва агар вазъият инро талаб кунад, бо равоншинос барои арзёбии вазъият чораҳо меандешад.

Вобаста ба арзёбии вазъият бо кӯдак дар ҷои амн ё бо кӯдак ва парастори ӯ барои муайян кардани амалҳои минбаъда ва нақшаи кӯмак ва дастгирии кӯдак дар ҳолати зарурӣ сӯҳбат гузаронида мешавад. Пас аз он бо корманд ё ҳамкор ва агар имконпазир бошад, бо шоҳидони ҳодиса барои арзёбии ҳодиса сӯҳбат гузаронида мешавад. Ҳар як огоҳнома ба таври ҷиддӣ қабул карда, бо диққати даркорӣ тафтиш карда мешавад.

Агар сухан дар бораи рафтори манфие равад, ки нисбат ба кӯдак ҷиноят набошад - табъиз, истисно, тамасхур ва ғайра дар ин ҳолат бо коргар баъди суҳбат протокол тартиб дода мешавад, ки дар он чораҳо оид ба пешгирии зарари минбаъда нигаронида шудаанд. Дар сурати такрор шудани вазъият Бунёд чораҳои зерини интизомии ба вазъият мувофик, аз ҷумла то бекор кардани шартнома бо корманд/ҳамкорро мебинад.

Дахолати беруна (Interwencja zewnętrzna)

Дар сурати тасдиқи гумони зӯроварӣ ё гумони содир кардани ҷиноят бар зарари кӯдак, дахолат ҳатмист.

Дар сурати гумонбар шудани ҷинояте, ки бар зарари кудак содир шудааст, фавран ба полиция ё прокуратура хабар дода мешавад. Ин ӯҳдадорӣ хусусияти ҳуқуқӣ дошта, аз моддаи 304-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ бармеояд.

Парасторони кӯдак оиди вазъият фавран огоҳ карда мешаванд. Якҷоя нақшаи кӯмак ва дастгирӣ барои кӯдак мувофиқи ниёзҳои ӯ муқаррар карда мешавад.

**11. Қоидаҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва симои кӯдак**

Маълумоти шахсии кӯдак тибқи принсипҳое, ки дар Санади 10 майи соли 2019 дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ ва Низомномаи Парлумони Аврупо ва Шӯро (ИА) 2016/679 аз 27 апрели соли 2016 оид ба ҳифзи маълумоти шахсӣ пешбинӣ шудаанд, ҳифз карда мешаванд, шахсоне, ки дар робита ба коркарди маълумоти шахсӣ ва ҳаракати озоди чунин маълумот ва бекор кардани Директиваи 95/46/EC (Низомномаи умумии ҳифзи маълумот,"RODO"). Маълумоти муфассал дар бораи ҳадафҳо ва усулҳои коркарди маълумоти шахсӣ дар заминаи ҳар як фаъолияти Бунёди Осаление (Fundacja Ocalenie) алоҳида пешниҳод карда мешавад. Ҳар як корманд ва ҳамкори

Бунёд вазифадор аст, ки махфияти маълумоти шахсӣ ва усулҳои ҳифзи маълумоти шахсиро аз дастрасии беиҷозат нигоҳ дорад.

Бунёд ҳуқуқи кӯдакро ба дахолатнопазирӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсиро эътироф намуда, ҳифзи симои кӯдакро бо роҳи ошкор накардани тасвири он бе розигии хаттии парастори кӯдак ва розигии шифоҳии худи кӯдак таъмин менамояд. Пеш аз сабти тасвири кӯдак, кӯдак ва парастор бояд дар бораи он, ки тасвири ба қайд гирифташуда дар куҷо ҷойгир карда мешавад ва дар кадом контекст истифода карда мешавад, огоҳ карда шавад.

Бунёд ҳуқуқи кӯдакро ба дахолатнопазирӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсиро эътироф намуда, ҳифзи симои кӯдакро бо роҳи ошкор накардани тасвири он бе розигии хаттии парастори кӯдак ва розигии шифоҳии худи кӯдак таъмин менамояд. Пеш аз сабти тасвири кӯдак, кӯдак ва парастор бояд дар бораи он, ки тасвири ба қайд гирифташуда дар куҷо ҷойгир карда мешавад ва дар кадом контекст истифода мешавад, огоҳ карда шавад.

Ҳама гуна аксҳое, ки аз ҷониби кормандон ё ҳамкорони Бунёд гирифта шудаанд, набояд аксҳои кӯдаконро дар ҳолати иғвоангез ё нимлибос нишон диҳад, ҳамеша кӯдакро ҳамчун субъект нишон диҳанд ва ҳеҷ гоҳ ҳамчун қурбонӣ нишон дода нашаванд, ва ҳуқуқи ӯ ба эҳтироми шаъну шарафро нигоҳ дорад. Корманд ё ҳамкори Бунёд бояд кафолат диҳад, ки ҳама гуна тасвир ё таърихи сабтшудаи кӯдакро ба ҳар гуна шаклҳои хушунат ё зӯроварӣ осебпазир нагардонад.

Корманд/ҳамкори Бунёд набояд ба намояндагони васоити ахбори омма иҷозат диҳад, ки бе иҷозати Раёсат ва ризоияти хаттии парастор кӯдакро (филм, акс) дар биноҳое, ки ба Бунёд тааллуқ дорад ё ба иҷора гирифтааст, сабт кунанд.

Бунёд кафолат медиҳад, ки кормандон ва ҳамкорон оиди принсипҳои ҳифзи тасвирҳои кӯдакон омӯзонида мешаванд.

### 12. Эъломияи (Декларатсияи) қабули Сиёсати Ҳифзи Кӯдак

Ман, шахси дар зер имзокунанда ______________________________________________
изҳор медорам, ки принсипҳои Сиёсати Ҳифзи Ҳуқуқи Кӯдакро, ки дар Бунёди Осаление татбиқ мешаванд, хондам ва ӯҳдадор мешавам, ки онҳоро риоя кунам.

____________________ ________________________
Сана Имзо